# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ___
қарори шурои диссертатсионӣ аз 21 декабри соли 2024, №61

Барои сазовор донистани Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ санаи 05-уми октябри соли 2024, суратмаҷлиси №56 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толориш диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад 3 феврали соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба ихтисоси идораи давлатӣ ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 хатм кардааст.

Баъди хатми донишгоҳ аз соли 2016 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 7-уми марти соли 2024, №7 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Гадоев Бурҳонидин Саймудинович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Элназаров Давлатшо Ходҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

**Бобоев Анварбек Хоҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Каримзода Умар Карим, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (**12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Масурзода А.М. ва котиби семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия Фахридинзода Ҳ.С., имзоҳо аз ҷониби муовини сардори шуъбаи кадрҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Камолӣ З.Б. дар санаи 11 ноябри соли 2024 тасдиқ шудааст. Қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсиониро ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллиф тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Саидов, С.А. Мафҳуми мурофиаи интихоботӣ [Матн] / С.А. Саидов // Қонунгузорӣ. – 2019. – №3 (35). – С. 24-26; ISSN 2410-2903.

[2-М]. Абдулаҳадзода, С.А. Таъини интихобот ҳамчун давраи аввали мурофиаи интихоботӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 20-23; ISSN 2410-2903.

[3-М]. Абдулаҳадзода, С.А., Муродзода, У.А. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода, У.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2020. – №6. – С. 266-270; ISSN 2413-5151.

[4-М]. Абдулахадзода, С.А., Муродзода, У.А. Свободные выборы – ключевой элемент демократии [Текст] / С.А. Абдулахадзода, У.А. Муродзода // Правовая жизнь. – 2020. – №4. – С. 93-97; ISSN 2307-5198.

[5-М]. Абдулаҳадзода, С.А., Гадоев, Б.С. Масоили назариявии ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мазмун ва моҳияти он [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода, Б.С. Гадоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2023. – №5. – С. 248-254; ISSN 2413-5151.

[6-М]. Абдулаҳадзода, С.А., Гадоев, Б.С. Таркиб, хусусият ва марҳилаҳои мурофиаи интихоботӣ [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода, Б.С. Гадоев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №1 (41). – С. 57-67; ISSN 2307-5198.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Саидов, С.А. Хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Саидов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №2 (10). – С. 58-61.

[8-М]. Абдулаҳадзода, С.А. Мурофиаи интихоботӣ ҳамчун шакли фаъолияти ҳуқуқӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства». – Душанбе, 2022. – С. 8-17.

[9-М]. Абдулаҳадзода, С.А. Мурофиаи интихоботӣ ҳамчун намуди мурофиаи ҳуқуқӣ [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова Часть II. Гуманитарные науки (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 3-6.

[10-М]. Абдулаҳадзода, С.А. Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Абдулаҳадзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир». – Душанбе, 2023. – С. 150-156.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҷабзода Р.М.** – Раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Ҷамшедзода Ҷ.Н.** – Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Мухторзода К.Т.** – Мудири кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ҷузъи буда, масъалаҳои зеринро фаро мегирад:

- дар рисолаи номзади таҷрибаи хориҷии ташкилу гузаронидани интихобот мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст;

- таҳқиқ нагардидани овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ дар доираи марҳилаҳои раванди интихоботӣ;

- расмӣ гардонидани натиҷаҳои ҷории интихобот ва тасдиқи онҳо бо ҳуҷҷатҳо ва имкони шикоят бурдан ба суд ё мақомоти маъмурӣ аз амалҳо ва қарорҳои ҳар як иштирокчии раванди интихобот ҳамчун усулҳои раванди интихоботӣ муайян гардидааст, ба назари муаллиф моҳиятан расмиётҳои алоҳида дар раванди интихобот маҳсуб меёбад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** масъалаи раванди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ҳуқуқи конститутсионӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадии мазкур баррасӣ карда шудааст;

- **пешниҳод шудааст:** масъалаҳои назариявии раванди интихоботӣ бо такя ба донишҳои ҳуқуқии муосир барраси шуда, табиати ҳуқуқии усулҳои раванди интихоботӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ҳамзамон субъектҳои раванди интихоботӣ тасниф карда шуда, нақши комиссияҳои интихоботӣ дар раванди интихобот инчунин, масоили иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд;

- **исбот шудааст:** дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва рушди давлатдории миллӣ интихобот яке нишондиҳандаи муҳимтарини таҷассуми демократия ва пурраҳокимиятии халқ ба ҳисоб рафта, воситаи асосии соҳибихтиёрии халқ мебошад. Ҳуқуқи интихобот аз ҳуқуқҳои асосии сиёсии шаҳрвандон буда, субъекти муносибатҳои ҳуқуқию сиёсӣ будани шаҳрванд ва вазъи ҳуқуқии ӯро пурра менамояд. Тавассути интихоботи умумӣ соҳибихтиёрии халқ равшан таҷассум меёбад. Раванди интихоботӣ дар ҷомеаи мутамаддин тавассути низомҳои гуногуни интихоботӣ сурат гирифта, низоми интихоботӣ иродаи халқро ифода менамояд ва мақомоти масъули ҳокимиятро ташаккул дода, танзимгари асосии раванди интихобот мебошад.

- **ҷори намудани:** ҳуқуқи интихобот ҳамчун усули амалигардонии ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайри фаъоли шаҳрвандон дар марҳилаҳои ҳамдигарро ивазкунандаи тайёр ва баргузории интихобот, такмили қонунгузорӣ, самаранокии раванди интихоботӣ, фаъолгардии интихобкунандагон дар давраҳои баргузории интихобот таъмин карда шавад. Ислоҳоти қонунгузории интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти самтҳои умумии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бароҳ монда шудааст. Нишондиҳандаи асосии муайян намудани рушди низоми интихоботӣ ва раванди интихоботӣ танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки ба таври маҷмуавӣ раванди интихоботӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, тасаввурот оид ба хусусияти ташкил ва гузаронидани интихобот дар кишвар васеъ гардонида шавад. Таҳлил ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди фаъолияти мақомоти давлатии соҳавӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, дарки воқеии падидаи интихобот ва раванди интихоботӣ, ҳамчунин такмили қонунгузории интихоботии кишвар истифода бурд. Ба ғайр аз ин, мазмунҳои асосӣ ва

хулосаҳои рисоларо метавон дар таҳияи стратегия ва таҷрибаи маъракаҳои интихоботӣ, ояндабинии натиҷаи раванди интихоботӣ, баланд бардоштани фарҳанги интихоботии шаҳрвандон ба роҳбарӣ гирифт. Маводдои диссертатсияро метавон дар курсҳои махсуси ҳуқуқӣ дар таҳияи барномаҳои фаннӣ, хусусан ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи интихоботӣ ва раванди интихоботӣ истифода намуд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** фанҳои ҳуқуқӣ (конститутсионӣ, интихоботӣ, парлумонӣ, намояндагӣ), қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, оморӣ, таърихию ҳуқуқӣ, таҳлили низом ва намудҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст.

- **баён шудани** мафҳуми интихобот, раванди интихоботӣ дар заминаи таҳлили қонунгузории интихоботӣ ва фаъолияти субъектони интихобот дар марҳилаҳои баргузории интихобот муайян карда шудааст;

- **ошкор гардидани** хусусиятҳои асосии марҳилаҳо, усулҳо ва субъектони раванди интихоботӣ ба таври созгор баргузор намудани интихобот ва натиҷаҳои он оварда мерасонад. Ҳамзамон, таъкид гардидааст, ки барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули ҳокимият мақом ва нақши падидаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ меафзояд;

- **омӯхта шуданд** дар асоси таҳлили ҳамаҷониба, мафҳум, моҳият ва усулҳои баргузории интихобот дар давраҳои раванди интихоботӣ;

- **аз нав такмил додани** қонунгузории интихоботӣ қолабҳои демократии ташаккули ҳокимиятро меафзояд ва ба дуруст интихоб кардани номзадҳои арзанда мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба хусусиятҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, марҳилаҳо ва усулҳои раванди интихоботӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ дар самти хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии субъектҳои раванди интихоботӣ, таҳқиқи ҳолати қонунӣ, дурнамо ва тамоюли рушди унсурҳои демократии интихобот дар Тоҷикистон асос меёбанд.

- **муайян карда шудааст,** ки ташкили интихоботи Президент ва вакилони халқ яке аз роҳҳои ба ҳаёти сиёсӣ, ба идораи давлат ва ҷомеа, ба худидоракунии маҳаллӣ ҷалб кардани ҳамаи шаҳрвандон мебошад. Онҳо дар

интихобот на фақат чун овоздиҳанда, балки иштироккунандаи маъракаи интихобот низ ҳастанд. Шаҳрвандон ба сифати интихобкунанда, аъзои комиссияҳои интихобот ва аъзои гурӯҳҳои ташаббускор имкони фаъолона иштирок кардан дар интихоботро доранд.

**- муаррифӣ карда шуд:** интихобот дар замони муосир воситаи муҳимми тағйирёбӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, интихоботи мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва сатҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Он ҳамчун унсури асосии ҷомеаи демократӣ ва шакли асосии иштироки аҳолӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар мебошад. Маҳз бо баргузории интихобот аз лиҳози қонунӣ ташкил намудани ҳокимият, рақобати солим ва имкони изҳори иродаи сиёсии тамоми шаҳрвандон таъмин карда мешавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои илмӣ ва амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва фаъолияти субъектони раванди интихоботӣ асос ёфтааст. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ коркарди ҳаматарафаи илмии масъалаҳои низоми интихоботӣ, бунёди низоми илмии ташаккул ва фаъолияти самараноки он бо дарназардошти сатҳи муосири танзими ҳуқуқӣ, хусусиятҳои ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон дар асоси натиҷагирӣ ва таҳлили таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

**- барои корҳои таҷрибавӣ:** бо мақсади беҳтар ва пурсамар намудани фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хеле ҷолиб таҳия ва қабул намудани қонунҳое, ки ба манфиати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор аст, боиси зуд зуд тағйир наёфтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудаанд.

**- ғоя асоснок шудааст:** бояд тазаккур дод, ки оид ба масъалаи раванди интихоботӣ дар доираҳои илмии ватанӣ, аллакай маводди зиёди амалӣ ва назариявӣ вобаста ба ташкил ва гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ ташаккул ёфтаанд. Масоили мазкур на танҳо банизомдарорӣ ва дарки назариявӣ, балки ошкор намудани муҳити муносибро дар фазои ҳуқуқии интихоботии кишвар талаб менамояд.

**- истифода шудаанд:** масъалаи истифодаи мафҳум ва категорияҳои дар раванди омӯзиш ва баррасии масъалаҳои муҳимми раванди интихоботӣ дар шароити имрӯза таҷдиди назарро талаб менамояд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки новобаста ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи раванди интихоботӣ, муҳаққиқони соҳа нисбат ба мафҳум, усулҳо, низом, самтҳои мукаммал намудани раванди интихоботӣ ихтилофи назар доранд, тафовути

истилоҳотӣ дар таснифоти мафҳумҳо ба мушоҳида мерасанд. Аксарияти ҷанбаҳои назариявӣ-амалии он баҳснок ва таҳқиқношуда боқӣ мондаанд.

**- муайян шудаанд:** интихобот як раванди мураккаб аст, ки бо иштироки шаҳрвандон дар сатҳи омма амалӣ мешавад. Дар натиҷаи ин раванд, иродаи сиёсии ҳамаи шаҳрвандон баён гардида, ҳадафҳои гуногуни иҷтимоиро пайгирӣ мекунад. Раванди интихоботӣ бошад, ҳамчун амалҳои ташкилӣ ва сиёсиву ҳуқуқии субъектҳо дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ташкилнамоӣ ва гузаронидани интихобот мебошад, ки дар шакли марҳилаҳои якдигарро ивазкунандаи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба вуҷуд меояд.

**- истифода карда шуданд:** таҳқиқот дар сарчашмаҳои зиёди ватанӣ ва хориҷӣ – таҳқиқотҳои монографӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ, таҳлили матбуоти даврӣ, ақидаҳои олимони ҳуқуқшинос, ақидаҳои мутахассисон дар соҳаи гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ зоҳир мегардад. Инчунин, асоси таҳлилҳоро Конститутсия, қонунҳои интихоботӣ, санадҳои судӣ, санадҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** муаллиф маводди назариявӣ ва амалии мавзуи кори пешниҳодшударо амиқ омӯхтааст. Дар натиҷа ӯ бори аввал тавонист мафҳум, моҳият ва усулҳои раванди интихоботӣ дар асоси донишҳои назариявии муосири ҳуқуқӣ муайян намояд; ба таври комплексӣ марҳилаҳои раванди интихоботиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, мавқеи худро нисбати ҷанбаҳои умумӣ ва фарққунандаи раванди интихоботӣ ошкор намояд; ҷанбаҳои назариявии субъектҳои раванди интихоботӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар доираи он ҳолатҳои ба сифати субъекти раванди интихоботӣ баромад намудани шахсони инфиродӣ-шаҳрвандро ошкор намояд; хусусият ва доираи фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардида, роҳҳои такмил ва самаранок намудани фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст; хусусиятҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма дар раванди интихоботӣ баррасӣ гардида, такмили қонунгузорӣ дар ин самт пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, дарёфти мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар рисола саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 21-уми сентябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли

2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**